**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.10.2025, №107

Барои сазовор донистани Қаландаров Сарабек Давлатёрович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 10-уми июли соли 2025 бо суратмаҷлиси №99 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қаландаров Сарабек Давлатёрович 5-уми июли соли 1968 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1996 факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси «Забон ва адабиёти Шарқ (забони арабӣ)» бо дипломи «аълочӣ» ва соли 2010 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо маълумоти дуюм аз рӯйи ихтисоси журналистика хатм намудааст.

Соли 2006 рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар «Наводирулвақоеъ»-и Аҳмади Дониш» зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Баҳриддин Камолиддинов ҳимоя намудааст.

Аз моҳи октябри соли 2021 то имрӯз мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ: Муқимов Муҳамадӣ Аминович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Хоҷазод Саидмурод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, **Афсаҳзод Аббоси Аълохон –** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» ва **Ҳасанова Тахмина Ғаюровна –** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмхои санъатшиносӣ, профессори кафедраи санъатшиносӣ ва назарияи мусиқӣ Улмасов Фирӯз, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ Муъминҷонов Зулфиддин, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими калон Мулоева Нишона имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Назарзода Маҳмуд Мирзо тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи доктории Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморотi Муттаҳидаи Араб)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқarризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраротi бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур бевосита иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 1 монография ва 28 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Монография:

[1-М]. Қаландаров, С.Д. Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс (дар заминаи маводди оҷонсиҳои иттилоотӣ). Монография / С.Д. Қаландаров. – Душанбе, 2024. – 164 с.

## II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[2-М]. Қаландаров, С.Д. Иттилоъ – сарчашмаи ҳамкориҳои судбахш / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2011. – № 4 (68). – С. 364-367.

[3-М]. Қаландаров, С.Д. Шарҳи воқеаҳои сиёсии Тоҷикистон дар сомонаи Агентии иттилоотии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 4/9 (185). – С. 298-302.

[4-М]. Қаландаров, С.Д. Шеваи инъикоси сафарҳои расмии Президент дар расонаҳои арабӣ / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/4 (206). – С. 309-314.

[5-М]. Қаландаров, С.Д. Инъикоси Тоҷикистон аз нигоҳи «Алҷазира» ва муқоиса бо сомонаи арабии «Би-би-си» / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/5 (209). – С. 248-251.

[6-М]. Қаландаров, С.Д. Ҳақиқат ва таҳриф дар инъикос ва шарҳи воқеиёти Тоҷикистон аз нигоҳи сомонаҳои арабӣ / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/6. – С. 287-292.

[7-М]. Қаландаров, С.Д. Воқеияти Тоҷикистон дар расонаҳои Қатар / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 2. – С. 259-263.

[8-М]. Қаландаров, С.Д. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар мусоҳибаҳои Президенти Тоҷикистон (дар асоси маводди матбуоти араб) / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 3. – С. 300-305.

[9-М]. Қаландаров, С.Д. Баррасии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар мусоҳибаҳои Эмомалӣ Раҳмон (дар асоси маводди матбуоти араб) / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 305-310.

[10-М]. Қаландаров, С.Д. Нақши ВАО дар баррасии вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 2. – С. 310-316.
[11-М]. Қаландаров, С.Д. Инъикоси воқеаҳои Тоҷикистон дар нашрияҳои Кувайт / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 5. – С. 294-302.
[12-М]. Қаландаров, С.Д. Моҳият ва рисолати ҳамкориҳои Тоҷикистон ва инъикоси он дар Агентии иттилоотии Аморот / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 6. – С. 287-293.
[13-М]. Қаландаров, С.Д. Баррасии ҳаводиси Тоҷикистон дар нашрияҳои Аморoти Муттаҳидаи Араб / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 7. – С. 275-282.
[14-М]. Қаландаров, С.Д. Шабакаҳои иттилоотии араб ва нақши онҳо дар инъикоси ҳаводиси «Баҳори араб» / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 3. – С. 293-298.
[15-М]. Қаландаров, С.Д. Мавқеи ширкати телевизиони байналхалқии «Ал-Ҷазира» дар фазои иттилоотии ҷаҳони муосир / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 8. – С. 419-424.
[16-М]. Қаландаров, С.Д. Нигоҳи матбуоти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. – С. 274-283.
[17-М]. Қаландаров, С.Д. Тоҷикистон дар оинаи Агентии иттилоотии Баҳрайн / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 252-258
[18-М]. Қаландаров, С.Д. Нақши давлатҳои араб дар ҷаҳони муосир / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 8. – С. 263-271.
[19-М]. Қаландаров, С.Д. Назаре ба мавқеи сиёсиву иқтисодии ШАС дар минтақа ва ҷаҳон / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 251-257.
[20-М]. Қаландаров, С.Д. Мавқеи жанри хабар дар маводди расонаҳои иттилоотии кишварҳои арабии Халиҷи Форс роҷеъ ба Тоҷикистон / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 10. – С. 354-362.

[21-М]. Қаландаров, С.Д. Инъикоси равобити гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Қатар дар ОИ «Азия-Плюс» (ASIA-Plus) / С.Д. Қаландаров // Осиё ва Аврупо. – Душанбе, 2024. – № 4 (20). – С. 180-186.

[22-М]. Қаландаров, С.Д. Бозтоби муносибат ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар АМИТ «Ховар» / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – 2024. – № 4-2 (37). – С. 155-164.

**III. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[23-М]. Қаландаров, С.Д. Тоҷикистон аз нигоҳи расонаҳои интернетии кишварҳои араб / С.Д. Қаландаров // Замони муосир ва журналистика (маводди конференсияи байналхалқии илмии амалии «Замони муосир ва журналистика: проблемаҳои ҳуқуқ ва озодии сухан»). – Душанбе, 2011. – С. 91-95.

[24-М]. Қаландаров, С.Д. Равзанаи таъсир ба афкор дар сомонаҳои арабӣ / С.Д. Қаландаров // Журналистикаи байналхалқӣ VIII (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Сармад-Компания, 2017. – С.62-69.

[25-М]. Қаландаров, С.Д. Фазои иттилоотии арабӣ ва шинохти Тоҷикистон / С.Д. Қаландаров // Журналистика ва замони муосир (Масъалаҳои назарӣ ва таърихи матбуоти даврии тоҷик). Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2018. – С. 91-98.

[26-М]. Қаландаров, С.Д. Нигоҳи матбуоти Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон / С.Д. Қаландаров // Маводди конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: мушкилот ва дурнамо». – Душанбе, 2020. – С. 312-326.

[27-М]. Қаландаров, С.Д. Мавқеи оҷонсиҳои иттилоотии араб дар фазои иттилоотии ҷаҳони муосир / С.Д. Қаландаров // Маводди конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: мушкилот ва дурнамо». – Душанбе, 2020. – С. 185-194.

[28-М]. Қаландаров, С.Д. Баррасии робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар мусоҳибаҳои Эмомалӣ Раҳмон / С.Д. Қаландаров // Маводди конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2023. – С. 550-558.

[29-М]. Қаландаров, С.Д. Мавқеи жанрҳои «Ҳисобот» ва «Мусоҳиба» дар инъикоси муносибатҳои Тоҷикистону кишварҳои арабӣ / С.Д. Қаландаров // Воситаҳои ахбори омма ва забони миллӣ (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2025. – С. 159-176.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони**

**зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** мудири шуъбаи ИДМ-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои таърих **Сайидзода Зафар Шералӣ** мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки автореферати диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Ба назари муқарриз, пажӯҳиши Қаландаров Сарабек яке аз дастовардҳои муҳимми журналистикаи муосири тоҷик буда, арзиши баланди илмию амалӣ дорад. Ҳамзамон, дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

1. Дар баъзе мавридҳо хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд (саҳ. 28, 36, 42).

2. Баъзан дар баёни андешаҳо лаҳни публитсистӣ эҳсос мешавад, ки ба кори илмии академӣ чандон созгор нест.

3. Таҳлили маводди АМИТ «Ховар» нисбат ба дигар расонаҳо фарохтар омадааст, ки ин тавозуни таҳлилро андаке коста мекунад.

**2. Тақризи** декани факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент **Сафарализода Хуҷамурод Куддусӣ** низ мусбат буда, дар он автореферат ва диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович пажӯҳиши тоза ва анҷомёфта маънидод мешавад. Ҳамзамон, дар баробари зикри дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

1. Таҳлили автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки дар кори илмии довталаб ба матлабҳои васоити ахбори оммае, ки равобити мутақобилаи Тоҷикистони сохибистиклол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форсро ба таври манфӣ инъикос мекунанд, таваҷҷуҳи камтар дода шудааст. Ин масъала низ бояд омӯхта мешуд. Зеро чунин расонаҳои хабарӣ метавонанд ба равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс то андозае таъсири манфӣ расонанд.

2. Тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон дар автореферати диссертатсия ҷойгир намудани феҳристи ихтисораҳо зарур набуд.

3. Дар сатҳи омӯзиши мавзуъ асарҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ камтар ба назар мерасанд.

**3.** Дар **тақризи** доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** қайд шудааст, ки дар автореферати диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Боби аввали диссертатсия «Раванди ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс» унвон дорад ва доир ба ин масоил маълумоти

кофӣ пешниҳод мешавад, аммо дар кадом ВАО инъикоси шудани онҳо зикр нашудааст.

2. Бо вуҷуди он ки навиштаҳои муаллифи рисола бисёр босаводона мебошанд, дар баъзе саҳифаҳо хатоҳои имлоию китобатӣ ба назар мерасад (саҳ. 7, 12, 18, 22, 27).

**4.** Дар **тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Ғаффорова Умеда Абдуллоевна** иброз мешавад, ки автореферат тибқи талабот таҳия шуда, дорои арзиши баланди илмӣ мебошад, вале агар бархе пешниҳодҳои эродгунаи зер дар он ба назар гирифта мешуд, арзиши илмии он боз ҳам баландтар мегардид:

1. Агар дар авфтореферат ҳамон диаграммаву графикҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст, ворид карда мешуд, ба мақсад мувофиқ буд.
2. Дар охири автореферат 144 номгӯи адабиёт оварда шудааст, ки ба назари инҷониб овардани ҳамаи он зарурат надошт.
3. Хато омадани иборахои арабӣ. Масалан, дар саҳифаи 10 дар номҳои агентиҳо калимаҳо пешу пас омадаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– мавқеи кишварҳои араб дар фазои геополитикии ҷаҳони муосир **баррасӣ гардида,** ҷанбаҳои таърихӣ ва вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабии Халиҷи Форс **муайян карда шудааст;**

– доир ба таърихи Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар) маълумоти тоза оварда шуда, дараҷа ва таносуби инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар заминаи ҳамин агентиҳо **баррасӣ шудааст;**

– инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар расонаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс ва бозтоби рӯйдодҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс дар ВАО-и Тоҷикистон ба таври муқоиса **арзёбӣ гардидааст;**

– вижагиҳои жанрии маводди марбут ба воқеиятҳои Тоҷикистон ва кишварҳои араб дар ВАО-и мутақобила **таҳлил ва таъин карда шудааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои кори таҳқиқӣ донишҳои илмиву назариявиро дар самти шинохту баррасии робитаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии кишварҳо вусъат бахшида, ҳамчунин, дар таъини нақши ВАО дар инъикоси ҳамин гуна робитаҳо, тақвият бахшидани ҳаскориҳо ва ба низом даровардани онҳо мусоидат менамояд. Маводди диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаҳои дипломатия, журналистикаи байналхалқӣ ва муносибатҳои гуногунсамти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои араб истифода кард. Нуктаҳои асосӣ ва

натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия, хусусан, ҳангоми тадриси таърихи журналистикаи хориҷӣ, хоса ВАО-и кишварҳои араб, ВАО ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба кор хоҳад омад.

Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ ба осори илмии муҳаққиқони тоҷик Назаров Т.Н., Сайидзода З.Ш., Шарипов А.Н., Тоҷиддин Мардонӣ, Сатторзода А., Усмонов И.К., Нуралиев А., Саъдуллоев А., Муқимов М.А., Муродӣ М., Абдуллозода М.А., Имомзода М.С., Азимов А.Х., Муъминҷонов З., Муллоев Ш., Хоҷазод С., Афсаҳзод А.А.; рус Примаков Е.М., Василев А.М., Федорченко А.В., Крылов А.В., Подцероб А.Б., Косач Г.Г., Сапронова М.А., Мелкумян Е.С., Александров И.А., Исаев В.А., Филоник А.О., Сейранян Б.Г., Касаев Э.О., Прохоров Е.П., Ворошилов В.В., Тертичний А. ва араб Форуқ Абузайд, Абдураҳмон аш-Шабилӣ, Муҳаммад Абдураззоқ ал-Қашъамӣ, Муҳаммад Абдураҳмон аш-Шомих, Солеҳ Шокир Ватут, Абдулатиф Ҳамза, Иброҳим Исмоил Муҳаммад Ҳуснайн Ҳайкал ва дигарон такя карда шудааст.

Диссертатсия дар асоси методҳои таърихӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ, маълумотдиҳӣ ва таҳлили контентӣ навишта шудааст. Ҳамчунин, ҷиҳати таҳқиқи маводди ВАО-и гуногун аз усулҳои таҳлили анъанавӣ, муқоисавӣ, контентӣ ва шарҳу тафсири оморӣ кор гирифта шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаҳои дипломатия, журналистикаи байналхалқӣ ва муносибатҳои гуногунсамти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои араб истифода кард. Хусусан, ҳангоми тадриси таърихи журналистикаи хориҷӣ, хоса ВАО-и кишварҳои араб, ВАО ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба кор хоҳад омад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи рӯзноманигорони ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқати ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар омӯзиши назарии мавзуъ ва баррасии нақши агентиҳои иттилоотии Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс дар инъикоси ҳамкориҳои мутақобила, муайян намудани таносуби инъикоси воқеаҳо, вижагиҳои жанрии онҳо, омода намудани маърузаҳо доир ба мавзуъ ва суханронӣ дар ҳамоишҳои илмии сатҳи байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, таълифи монография, мақолаҳои илмӣ, илмиву оммавӣ зоҳир мешавад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23-юми октябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Қаландаров Сарабек Давлатёрович ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа ҳузурдошта дар овоздиҳии пинҳонӣ 14 нафар доктори илм иштирок намуд. Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.
23.10.2025